**Такриз**
**ба диссертатсияи Нуриддинзода Сайчамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти Нуриддинзода С.Ҳ. ба яке аз мавзуъҳои хеле мубрами замони муосир бахшида шудааст. Масъалаи назарфиребии сиёсӣ, ё худ манипулятсияи сиёсӣ ҳамчун воситаи таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва тағйир додани рафтори сиёсии шаҳрвандон аз ҷониби субъектҳои сиёсат ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар шароити имрӯза ин масъала ба омили бесуботкунандаи ҷомеа табдил ёфтааст. Айни замон дар баробари ВАО-и анъанавӣ (радио, телевизион ва матбуоти даврӣ), ВАО-и электронӣ (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) иқтидори зиёди манипулятивиро соҳиб гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки манипулятсияи сиёсӣ айни замон василаи асосии анҷом додани ҷангҳои иттилоотиро ташкил медиҳад. Ҷангҳои иттилоотӣ бошанд ҳамарӯза дар шабакаи интернет ҷараён доранд ва ба амнияти миллии давлатҳо мустақиман таҳдид намуда истодаанд. Амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зери таъсири чунин таҳдидҳо қарор дорад.

Тӯли даҳ соли охир дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон манипулятсияи сиёсӣ аз ҷониби душманони давлату миллат барои ноором кардани ҷомеаи кишвар, аз байн бурдани сулҳу субот ва бадтар аз ҳама барои ташкил намудани эътирозу бетартибиҳо тахассусмандона ба кор бурда шуда истодаанд. Айни замон манипулятсияи сиёсиро аз ҳама бештар ташкилотҳои террористию экстремистӣ истифода карда истодаанд. Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза иттилооти дорои хусусияти экстремистию террористӣ паҳн карда мешаванд. Дар ин раванд манипулятсияи сиёсӣ ба хотири ба дом афтонидани шаҳрвандони Тоҷикистон, ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ шомил намудани онҳо, дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат равона кардани сокинон, бахусус ҷавонон ҳадафмандона истифода бурда мешаванд. Пӯшида нест, ки ташкилотҳои террористию экстремистии “Ҳизби наҳзати исломӣ”, “Гурӯҳи 24”, “Паймони миллии Тоҷикистон” ҳамарӯза дар шабакаи интернет маводҳои дорои хусусияти иғвоангезӣ, ифротгароӣ ва тундгароиро паҳн намуда истодаанд. Барангехтани кинаю адоват, ба истифодаи зӯроварӣ маҷбур намудани одамон, туҳмату буҳтон, дуруғпардозию иғвоангезӣ шаклҳои фаъолияти онҳоро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ,

мағзшӯӣ намудани ҷавонон, ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ ҷалб кардани онҳо низ хеле нигаронкунанда мебошад. Бо назардошти равандҳои сиёсии носолиме, ки зери таъсири манипулятсияи сиёсӣ ба вуҷуд омадаанд, гуфтан мумкин аст, ки ин масъала яке аз мавзуъҳои мубрами замони муосир мебошад. Дар илмҳои сиёсӣ низ манипулятсияи сиёсӣ ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳо мавқеи хеле намоёнро ишғол мекунад.

Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии манипулятсияи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардида, вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ шаклҳои зоҳиршавии онро нишон дода шудаанд. Инчунин хавфу хатари манипулятсияи сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ, таъсири он ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Вобаста ба пешгирии истифодаи манипулятсияи сиёсӣ муаллиф пешниҳодҳои ҷолиби диққат таҳия намудааст. Тавсияҳои амалии муаллиф дар заминаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва афзоиши иқтидори манипулятивии шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки пурра хусусияти назариявӣ дорад, муаллиф тавонистааст, ки моҳият, хусусият ва нишонаҳои манипулятсияи сиёсиро нишон диҳад. Таҳлили ин қисми таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур аз ҷониби довталаб ҳамчун таҳдид ва омили бесуботкунандаи ҷомеа баррасӣ шудааст. Таҳлилу баррасии шаклҳои зоҳиршавии манипулятсияи сиёсӣ ва истифода шудани онҳо аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ яке аз паҳлуҳои муҳимми таҳкикоти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳдиду хатари манипулятсияи сиёсӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Дар ин замина истифодаи манипулятсияи сиёсӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистии “Ҳизби наҳзати исломӣ”, “Гурӯҳи 24”, “Паймони миллии Тоҷикистон” хеле хуб нишон дода шудаанд. Ғайр аз ин, мағзшӯӣ намудани ҷавонони Тоҷикистон, паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ зери шиори демократия ва озодии баён, радикализатсияи ҷомеа, иғвоангезӣ намудану дуруғпардозӣ кардан ҳамчун воситаҳои таъсиррасон ба афкори ҷамъиятӣ ба инобат гирифта шудаанд. Дар ин қисми таҳқиқот тавсияҳои амалии муаллиф ҷолиби диққат мебошанд. Довталаб вобаста ба пешгирии оқибатҳои ногувори манипулятсияи сиёсӣ истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷиро зарур шуморидааст. Инчунин баланд бардоштани маданияти иттилоотӣ ва фарҳанги истифода намудани шабакаҳои иҷтимоиро низ зарур шуморидааст. Ғайр аз ин, сафарбар намудани ниҳодҳои давлатию

ҷамъиятиро вобаста ба самти фаъолияти онҳо барои пешгирии манипулятсияи сиёсӣ муҳим донистааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба воситаи методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот методҳои таҳлили системавӣ, функсионалию сохторӣ, типологӣ, мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ истифода шудаанд. Ғайр аз ин, дар таҳқиқоти мазкур шумораи зиёди адабиёти илмӣ истифода шудаанд, ки аксари онҳо бо мавзуи диссертатсия бевосита алоқамандӣ доранд. Инчунин муаллиф барои асоснок намудани мавҷудияти масъалаҳои баррасишаванда маводҳои эмпирикӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро низ истифода кардааст. Чунин амали довталаб эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти ӯро хеле баланд мегардонад.

Арзиши назариявии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди гузаронидани таҳқиқот асарҳои илмии ба мавзуъ таалуқдоштаро дар сатҳи зарурӣ истифода бурдааст. Хулосаҳои муаллиф низ дар заминаи ҷамъбасти таҳқиқот таҳия шудаанд, ки дар ташаккули назарияи манипулятсияи сиёсӣ ва умуман дар илмҳои сиёсӣ аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Дар илмҳои сиёсии ватанӣ мавзуи мазкур бори аввал дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст. Бинобар ин, таҳлилу баррасии таъсири манипулятсияи сиёсӣ ба ҷомеаи Тоҷикистон саҳми шахсии довталаб дар омузиши ин падида мебошад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия барои тарбияи сиёсӣ ва ташаккули зиракии ссиёсии ҷавонон, донишҷӯёни донишгоҳҳо ва мутахассисони соҳавӣ мусоидат мекунад. Хулосаҳо ва тавсияи амалии таҳқиқотро метавон дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои мақсаднок ва барномаҳои минбаъдаи муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин маводи диссертатсияро дар раванди таълим ва такмили барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ низ истифода намудан мумкин аст. Истифодаи маводи диссертатсия дар таълими фанҳои амнияти миллӣ ва бахусус ҳангоми шарҳу тавзеҳи амнияти иттилоотӣ муфид мебошад.

Аз рӯи мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ маърӯза гардидаанд.

Объект ва предмети таҳқиқот ба таври дуруст муайян карда шудаанд. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф пурра иҷро гардидаанд.

Фарзияи таҳқиқот низ бо далелҳои гуногун асоснок гардидааст. Онро метавон дар оянда ташаккул дод ва дар атрофи он гузаронидани таҳқиқоти навбатӣ низ имконпазир мебошад. Дар охири ҳар зербоб таҳқиқоти анҷомёфта натиҷагирӣ шудаанд ва дар шакли хулосаи ҷамъбастӣ таҳия гардидаанд. Аз хулосаҳои ҳар зербоб мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар омӯзиши мавзуъ муаллиф кадом корҳоро анҷом додааст. Саҳми муаллиф дар омӯзиши мавзуъ аз ин ҷо бармеояд. Дар маҷмӯъ, навоварии илмие, ки дар рисола дида мешаванд, саҳми шахсии муаллиф мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аз рӯйи сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Сохтори диссертатсия бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровварда шудааст.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ,
докторанти кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ________________ Сафарализода Х.Қ.

Имзои дотсент Сафарализода Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
Тавқиев Эмомалӣ ________________

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.